# Тақризи

**муқарризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Дар замони муосир таҳқиқу баррасӣ ва муқоисаи масъалаҳои мухталифи грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забонҳои гуногунсохтор ва гуногуннизом аҳаммияти илмию амалӣ касб намудааст ва дар ин ҷода корҳои таҳқиқотӣ рӯйи кор омада истодаанд. Дар баробари таҳқиқи калимаву ибора, мавқеи ҷумла низ ҳамчун воҳиди меҳварии наҳви забон бориз аст. Ҷумла дар низоми наҳв мавқеи хоса касб намуда, дар таъмини мубодилаи афкор муҳим арзёбӣ мегардад.

Диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, бо шиносномаи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ва муҳтавои он ба тартиби муқарраргардидаи таълифи диссертатсия мувофиқат мекунад, зеро вай ба таҳлили муқоисавии яке аз бахшҳои грамматика бахшида шуда, дар илми забоншиносӣ саҳми арзанда мегузорад. Диссертатсияи мазкур аз осори илмии назариявӣ ва амалии мутахассисони соҳа асос гирифтааст, ки ба аҳаммияти илмии он таъсири мусбат расонидааст.

Гарчанде мавзуи мазкур, умуман, масъалаи таҳлилу баррасии ҷумла дар доираи забонҳои тоҷикию англисӣ ва аҳаммияти омӯзишии он дар осори як қатор забоншиносони хориҷию ватанӣ, аз қабили А.И. Смирнитский, Б.С. Хаймович, Л.Л. Иофик, Д. Тоҷиев, Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Рустамов, Ф. Зикриёев, М. Қосимова, Б. Камолиддинов, Д. Хоҷаев ва дигарон баррасӣ шуда бошад ҳам, масъалаи таҳлили низоми ҷумлаи пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, аз лиҳози муқоиса дар асоси асари бадеӣ ҳанӯз мавриди таҳқиқоти махсуси илмӣ қарор нагирифтааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот** аз он иборат аст, ки забон воситаи алоқаи байни одамон махсуб ёфта, дар ҷамъият нақши асосиро иҷро менамояд. Он муаррифгари ҳар як қавму миллат буда, тавассути он метавон аз тамаддуни халқҳои дигар огоҳӣ ёфт. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо ба омӯзишу таҳқиқи забонҳои хориҷӣ эҳтиёҷ ба миён омад, зеро маҳз дар натиҷаи муқоисаву муқобала аз низому сохтори забонҳои бегона ва вижагиҳои фарқкунандаву ба ҳам монанди онҳо метавон бархӯрдор гардид. Дар баробари калимаву ибора ҷумла низ воҳиди меҳварии наҳви ҳар як забон ба шумор меравад, зеро онҳо бо ҳам алоқаи мустаҳкам дошта, дар дохили ҷумла бо ҳам якҷоя омӯхта мешаванд. Ҷумла ва ҷумласозӣ дар низоми наҳв мавқеи густурдаеро соҳибанд, чунки таъмини мубодилаи афкор дар забон маҳз ба воситаи онҳо имконпазир мегардад.

Забонҳои тоҷикиву англисӣ вижагиҳои ташаккули таърихи худро доранд, ки барои созмони ҷумлаҳои гуногун заминаи асосӣ ба шумор мераванд. Хусусиятҳои корбурди ҷумла, сохту таркиби ҷумлаҳои сода, роҳу усули шеваи баёни ҷумлаҳои сода, таснифоти он аз ҷиҳати оҳангу мазмун ва сохт, тарзи ташаккули ҷумлаҳои мураккаб ва воситаҳои дастурии онҳо, вазифа ва ҷойгоҳи ҷумлаҳои сода дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб ва муродифоти онҳо аз муҳимтарин масъалаҳои наҳви забонҳои зикршуда мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки хусусиятҳои сохториву маъноии ҷумлаҳои пайрави ҳол бори нахуст дар забоншиносии муқоисавӣ дар асоси маводи “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифта, тафовуту умумияти онҳо муайян карда шудааст. Ин намуди ҷумлаи пайрав дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо такя ба пайвандакҳо ва калимаҳои ҳамнисбат вобаста бо назардошти роҳҳои корбурди онҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки маводи таҳқиқи мазкур метавонад дар раванди пажуҳиши типологӣ ва муқоисавии

забонҳои хеш ва бегона, таълифу тадвини наҳви забонҳои муқоисавшаванда ва дастурҳои таълимӣ барои мактабҳои олӣ ва ҳамчунин, ҳангоми таҳияи курсҳои назариявӣ аз фанҳои «Муқаддимаи забоншиносӣ», «Забоншиносии умумӣ», «Типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», «Назария ва амалияи тарҷума» истифода шаванд.

Мутобиқ будани ҳаҷми диссертатсия, корбасти нуктаҳои асосии таҳқиқ дар шакли мақолаҳои илмӣ ва натиҷагириву хулосабарориҳое, ки дар асоси сарчашмаҳои таҳқиқшуда ба даст омадаанд, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро исбот менамоянд.

Саҳми шахсии муҳаққиқро дар раванди таҳқиқ корҳои зерини анҷомдода дар бар мегиранд: а) таҳлили шарҳи назариявии адабиёти илмии мансуб ба мавзуи пажуҳиш, яъне ҷумлаи пайрави ҳоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ; б) ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани мавод аз сарчашмаҳои мушаххас, яъне аз асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ ва тарҷумаи англисии он; в) таснифи ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои муқоисашаванда дар асоси асари фавқуззикр; г) дарёфти вижагиҳои монанд ва фарққунанда ҳангоми таҳлили ҷумлаҳои пайрави ҳол; д) хулосаву пешниҳодҳои мушаххас, ки аз натиҷаи таҳқиқ ба даст омаданд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, зербобҳо ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, мақсад ва вазифа, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, объект ва предмет, навгонӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот, саҳми шахсии муаллиф муайян карда шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия, ки аз чор боб ва ду зербоб иборат аст, масъалаҳои назариявии омӯзиши ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забоншиносӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар боби дуюми диссертатсияи мавриди тақриз, ки аз шаш боб ва шаш зербоб ташкил ёфтааст, таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳоли муносибат дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ матраҳ гардидааст.

Боби сеюми диссертатсия таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳоли аломат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ номгузорӣ карда шуда, фарогири се боб ва шаш зербоб аст ва дар он хусусиятҳои семантикию грамматикии ҷумлаҳои пайрави тарзи амали забонҳои тоҷикию англисӣ ва амсоли инҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада дарҷ гардидаанд.

Мавриди зикр аст, ки ҷанбаи илмию амалии диссертатсия, чунон ки дар боло қайд карда шуд, қавӣ буда, муаллиф барои таълифи он аз осори таҳқиқии муҳаққиқони соҳа хуб истифода бурдааст. Диссертатсия аз лиҳози илмӣ асоснок буда, таҳлилҳо муназзам ба дуруст ба роҳ монда шудаанд.

Фишурдаи диссертатсия мазмуну муҳтавои онро ифода карда, аз рӯйи мавзуи таҳқиқ унвонҷӯ масъалаҳо ва хулосаҳои бадастомадаро дар 15 мақола инъикос намудааст, ки 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар баробари арзиши баланди илмиву назариявӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда дар баъзе саҳифаҳои он камбудиҳои техникӣ, услубӣ, грамматикӣ ва имлоиро мушоҳида кардан мумкин аст, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам боло бурдани арзиши илмии диссертатсия мусоидат менамоянд:

1. Дар дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ андешаҳои олимони соҳа аз хориҷӣ кишвар ба чашм намерасанд, ҳол он ки дар масъалаи мазкур дар доираи забони англисӣ корҳои зиёди илмӣ амалӣ гардидааст (саҳ. 5-8);
2. Беҳтар мебуд, пас аз ақида ва баҳсҳои муҳаққиқони соҳа андешаи худи муаллиф низ пешниҳод карда мешуд (саҳ. 16, 17, 20, 23 ва ғ.);
3. Агар натиҷаҳои бадастомада дар шакли мушаххас дар қисмати охири ҳар як бобу зербоб нишон дода мешуданд, ба арзиши илмии диссертатсия таъсири мусбат мерасониданд;

4. Хуб мешуд, бобу зербобҳои боби якуми диссертатсия дар такя ба ақидаҳои мутахассисони соҳа натиҷагирӣ карда мешуднд, чунки боби якуми диссертатсия, аслан хусусияти назариявиро дар худ инъикос менамояд (саҳ. 27-45);
5. Мақсад аз ҷадвалҳои дар диссертатсия овардашуда маълум нест (саҳ. 56, 61, 72, 107 ва ғ.);
6. Дар диссертатсия камбудиҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасанд (саҳ. 14, 18, 21, 23, 50, 88 ва ғ.).

Камбудиҳои дар диссертатсия мавҷудбуда арзиши илмии таҳқиқро коста намегардонанд ва онҳоислоҳшаванда буда, барои минбаъд тавсия карда мешаванд.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи забоншиносии муқоисавӣ
ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна

Суроға: 734019, ш. Душанбе,
к. Муҳаммадиев 48/2
Суроғаи электронӣ: havas3001@mail.ru
Тел: (+992) 93-700-04-37; (+992) 882 89 1717
Имзои Ҳ.Т. Соҳибназароваро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна
16.05.2023с.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС